*УДК 331*
***DOI 10.24412/2411-1945-2023-4-65-73***

***МУАММОҲОИ ИДОРАКУНИИ НЕРӮИ МЕҲНАТӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД***

***Исмоилов Мамараҳим Мирзораҳимович,*** *д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодии МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров»;* ***Самадова Заррина Акрамҷоновна,*** *н.и.и., дотсенти ДДҲБСТ;* ***Абдулла-заде Дилором Хуршедовна,*** *н.и.и., дотсенти МДТ «ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров» (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***ПРОБЛЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ТРУДОВЫМ ПОТЕНЦИАЛОМ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ***

***Исмоилов Мамарахим Мирзорахимович,*** *д-р экон. наук, профессор кафедры экономической теории ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова»;* ***Самадова Заррина Акрамджоновна,*** *канд. экон.наук, доцент ТГУПБП;* ***Абдулла-заде Дилором Хуршедовна,*** *канд.экон.наук, доцент ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова» (Худжанд, Таджикистан)*

***THE MANAGEMENT PROBLEMS OF LABOUR POTENTIAL IN SOGHD REGION***

***Ismoilov Mamarahim Mirzorahimovich,*** *doctor of Economy, professor of economic sciences department under SEI "KhSU named after academician B. Gafurov";* ***Samadova Zarrina Akramjonovna,*** *candidate of Economy, docent of TSULBP;* ***Abdulla-zade Dilorom Khurshedovna,*** *candidate of Economy, docent of SEI "KhSU named after academician B. Gafurov"(Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *mamarahim@mail.ru*

*Масъалаҳои идоракунии нерӯи меҳнатӣ дар минтақа бо назардошти афзалиятҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Равиши мазкур бо он нукта асоснок карда мешавад, ки заминаи ташаккул, тақсимот ва истифодаи аҳолии қобили меҳнатро ташкил мекунад. Изҳори ақида шудааст, ки ҷараёни идоракунии нерӯи меҳнатӣ объект ва субъектҳои идоракуниро муттаҳид намуда, ягонагии амалкарди онҳоро таъмин менамояд. Роҳҳои ҳалли муаммоҳои идоракунии нерӯи меҳнатии минтақа чун ташаккули нерӯи меҳнатӣ, тақсимоти нерӯи меҳнатӣ ва ва истифодаи он асоснок гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёти минтақавӣ, нерӯи меҳнатӣ, муаммоҳои идоракунии нерӯи меҳнатӣ, нерӯи инсонӣ, бозори меҳнат, рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа*

*Рассмотрено управление трудовым потенциалом региона с учетом приоритетов социально-экономического развития. Данный подход обосновывается тем, что составляет основу для формирования, распределения и использования трудоспособного населения. Представлено мнение, что процесс управления трудовым потенциалом объединяет объекты и субъекты управления и обеспечивает единство их функционирования. Обоснованы пути решения проблемы управления трудовым потенциалом региона: формирования трудового потенциала, его распределения и использования.*

***Ключевые слова:*** *региональная экономика, трудовой потенциал, проблемы управления трудовым потенциалом, человеческий потенциал, рынок труда, социально-экономическое развитие региона*

*The article dwells on the management of the region's labour potential, taking into account the priorities of socio-economic development. This approach is justified by the fact that it forms the basis for the formation, distribution and use of the working population. The opinion is presented*

*that the process of managing labour potential unites objects and subjects of management and ensures the unity of their functioning. The ways to solve the problem of managing the labour potential of the region are substantiated as the formation of labor potential, its distribution and use as well.*

***Key-words:*** *regional economy, labour potential, manage problem of labour potential, human potential, labour-market, regional socio-economic development*

Рушди бомуваффақи иқтисодии минтақа аз як қатор омилҳо вобаста буда, яке аз асоситарини онҳо нерӯи инсонӣ ба ҳисоб меравад, ки дар иқтидории меҳнатии минтақа таҷассум меёбад. Бинобар ин, ҷиҳати таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа дар қатори дигар омилҳо ба иқтидори меҳнат бояд аҳаммияти зарурӣ дода шавад ва барои истифодаи самараноки он механизми мутобиқи идоракунӣ коркард ва татбиқ гардад.

Ҳалли муаммоҳои идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар минтақа бо назардошти афзалиятҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба роҳ монда шуда, асоси ташаккул, тақсимот ва истифодаи аҳолии қобили меҳнатро танзим мекунад. Ҷараёни идоракунии иқтидори меҳнатӣ объект ва субъектҳои идоракуниро муттаҳид намуда, ягонагии амалкарди онҳоро таъмин менамояд.

Ба объекти муаммоҳои идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа инҳо тааллуқ доранд:

- ташаккули иқтидори меҳнатӣ;
- тақсимоти иқтидори меҳнатӣ;
- истифодаи иқтидори меҳнатӣ.

Ба сифати субъектҳое, ки дар идоракунии нерӯи меҳнатӣ ширкат меварзанд, инҳо баромад менамоянд:

1) мақомоти давлатӣ,
2) ташкилотҳои сиёсӣ;
3) иттифоқҳои касаба ва ташкилотҳои ҷамъиятии дигар;
4) коллективҳои меҳнатӣ.

Аз ин лиҳоз, раванди идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар сатҳи минтақа маҷмуаи амал ва чораҳои мақсаднок баҳри ҷойгиронии аҳолии қобили меҳнат дар бозори меҳнати минтақа мебошад.

Умуман, идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар сатҳҳои зерин амал мекунад:

- сатҳи соҳавӣ (соҳаи саноат, кишоварзӣ, алоқа, нақлиёт ва ғ.);
- сатҳи ҳудудӣ (ҷумҳурӣ, вилоят, ноҳия) аз рӯйи салоҳиятнокии онҳо.

Бояд қайд намуд, ки идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа бо назардошти хусусиятҳои ҷойгиронии истеҳсолоти моддӣ ва омилҳои таърихӣ, табиӣ ва ҷуғрофии минтақа ба амал бароварда мешавад.

Оид ба ташаккул ва идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар сатҳи давлат ва минтақаҳои алоҳидаи он як қатор олимони варзидаи ватаниву хориҷӣ таҳқиқот анҷом дода, андешаҳои худро иброз намудаанд ва ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии он амсилаҳои ҷолиб пешниҳод кардаанд. Чунончӣ, Н.Р. Хадасевич дар таҳқиқоташ барои ташаккул ва идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар сатҳи минтақа амсилае пешниҳод менамояд, ки он аз ду блоки ба ҳам алоқаманд таркиб ёфтааст: 1) низоми институтсионалии ташаккули нерӯи меҳнатии минтақа ва 2) шартҳои асосӣ ва муҳити ташаккулёбии нерӯи меҳнатии минтақа. [8] Амсилаи пешниҳоднамудаи Н.Р. Хадасевич имконият фароҳам меорад, ки омилҳои асосии ба ташаккул ва истифодашавии нерӯи меҳнатии минтақа таъсиррасон, инчунин воситаҳои асосии таъсиррасонии субъектҳои идоракунии институтсионалӣ муайян карда шаванд.

Ба андешаи Кязимов К.Г., самаранокии идоракунии иқтидори меҳнатӣ на танҳо аз иштироки давлат дар ин раванд, балки аз манфиатҳо ва амалҳои ҳамоҳанги мақомоти давлатию маҳаллӣ ва субъектҳои дигари иқтисодӣ вобаста аст. [9, с. 13]

Муаммоҳои идоракунии нерӯи меҳнатиро дар ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи ҷанбаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор додан лозим аст:

1. Афзоиши сатҳи бекорӣ, ки бо таназзули истеҳсолот дар давраи гузариш алоқаманд аст. Зикр кардан зарур аст, ки қариб дар кулли кишварҳои ИДМ афзоиши воқеии бекорӣ дар омори расмӣ инъикос намеёбад. Баланд шудани ҳиссаи бахши ғайрирасмии иқтисодиёт, ки хоси иқтисоди бозорӣ маҳсуб меёбад, афзоиши бекории ниҳонӣ ва шуғли нопурра натиҷаи он мебошад. Гузашта аз ин, дар омори расмии шуғл миқдори воқеии бекорон дақиқ ба назар гирифта нашудааст. Инчунин, бисёр корхонаҳо аз сабаби мушкилоти молиявӣ кумакпулӣ ва андози иҷтимоиро пурра пардохт намекунанд ва пинҳон доштани шумораи кормандон, андозаи фонди музди меҳнат ва ғайра мушоҳида мегарданд.

2. Тамоюли афзоянда доштани бозтақсими нерӯи меҳнатӣ аз корхонаҳои давлатӣ ба корхонаҳои хусусӣ. Бо назардошти даромаднокии нисбатан баланди корхонаҳои хусусие, ки дар бозори ташаккулёбанда ба тиҷорат машғуланд ва мавҷудияти имкониятҳои молиявии пардохти музди меҳнат, дар пасманзари корхонаҳои давлатии нисбатан заиф, ширкатҳо ва корхонаҳои хусусӣ барои аҳолӣ бо мақсади шуғл ҷолибтар мешаванд.

3. Коҳишёбии самаранокии идоракунӣ ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби кам шудани ҳаҷми истеҳсолот, тамоюли афзоянда доштани захираҳои меҳнатии дар бозори меҳнат кам истифодашаванда. Яке аз далелҳои возеҳи коҳишёбии самаранокии истифодаи иқтидори меҳнатӣ рӯзҳои нопурраи корӣ дар корхонаҳо мебошад.

4. Мавҷудияти тафовути баланди сатҳи шуғли аҳолӣ дар шароитҳои шаҳр ва деҳот, байни минтақаҳои депрессивӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол. Олимон ва иқтисодононе, ки муаммоҳои идоракунии иқтидори меҳнатии минтақаро дар шароити иқтисоди бозорӣ таҳқиқ мекунанд, якчанд сабабҳоро тасниф мекунанд, ки дар натиҷаи буҳронҳои амиқи трансформатсионии ба давраи иқтисоди гузариш хос ба вуҷуд меоянд.

Дар монографияи олимони рус таҳти унвони “Иқтисодиёти гузариш: ҷанбаҳои назариявӣ, мушкилоти русиягӣ, таҷрибаи ҷаҳонӣ” сабабҳои зерин муайян карда шудаанд, ки ба идоракунии нерӯи меҳнатии минтақа таъсир мерасонанд:

1) субъективӣ;
2) вазъиятӣ;
3) мутобиқшавӣ;
4) гузариши комил [10, с.59] .

Муаммоҳои идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа дар шаклҳои зерин зоҳир мегарданд:

- мавҷудияти ҳаҷми зиёди иқтидори меҳнатӣ бо пешниҳоди қувваи кории аз талаботи бозори меҳнат барзиёд. Чунин вазъ махсусан ба пешниҳоди қувваи кории кормандони беихтисос марбут аст. Зикр кардан зарур аст, ки шумораи аҳолӣ ва мутаносибан, иқтидори меҳнатии минтақа тамоюли устувори афзоишро доранд. Масалан, суръати миёнаи солонаи афзоиши аҳолии вилояти Суғд дар соли 2021 - 1,5% ва захираҳои меҳнатӣ – 1,3%-ро ташкил кардааст [11, с. 26, 102]. Агар ин нишондиҳандаҳоро дар сатҳи ҷумҳурӣ баррасӣ ва бо маълумоти омории вилояти Суғд муқоиса кунем, дар маҷмуъ, дар кишвар нишондиҳандаҳои зикршуда мутаносибан 1,8% ва 1,92%-роташкил кардаанд [12, с. 23, 70];
- самаранокии на он қадар баланд дар фаъолияти муассисаҳои ваколатдор дар идоракунии иқтидори меҳнатӣ;
- дараҷаи баланди пурра истифода нашудани иқтидори меҳнатӣ;
- мавҷудияти нобаробарии назарраси гендерӣ дар иқтидори меҳнатии минтақа ва ғайра.

Муаммоҳои дигари идоракунии нерӯи меҳнатии минтақа тақсимоти нобаробари захираҳои меҳнатӣ дар ноҳияҳои минтақа мебошад, ки он дар Стратегияи давлатии идоракунии нерӯи меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 низ зикр шуда буд.

Пайваста ба ин, нерӯи меҳнатии минтақаро таҳлил намуда, тақсимоти нобаробари онро дар миқёси минтақа ва дар маҷмуъ сатҳи ҷумҳурӣ дақиқ ошкор кардан мумкин аст, ки диаграммаи 1 аз он шаҳодат медиҳад.

***Диаграммаи 1.***

***Сохтори шумораи аҳолии доимӣ (муқимӣ) дар вилояти Суғд ва дар минтақаҳои Тоҷикистон дар соли 2021 (бо %)***




***Сарчашма:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С.17-21.*

Чи тавре аз расм бармеояд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳолии доимӣ аз рӯи минтақаҳо нобаробар тақсим шудааст, ки ин ҳолат ба идоракунии нерӯи меҳнатии кишвар таъсири худро мерасонад.

Ҷанбаи дигари иқтисодии ташаккули нерӯи меҳнатӣ дар минтақа динамикаи музди миёнаи меҳнат дар минтақа маҳсуб меёбад, ки нишондиҳандаҳои он дар ҷадвали 1 низомбандӣ карда шудааст.

***Ҷадвали 1.***

***Динамикаи музди миёнаи номиналии меҳнат дар вилояти Суғд барои солҳои 2015-2021***

| Минтақа | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Соли 2021 нисбат ба соли 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Вилояти Суғд** | 696,80 | 774,23 | 1012,87 | 1072,28 | 1182,77 | 1236,26 | 1418,81 | 203,6 |
| **Тағйирёбӣ бо %** | 100 | 111,1 | 130,8 | 105,8 | 110,2 | 104,5 | 114,7 | - |

***Сарчашма****: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – Душанбе, 2022. – С.147.*

Аз маълумоти ҷадвали 1 аён мегардад, ки дар соли 2021 музди миёнаи меҳнат дар вилояти Суғд – 1418,81 сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2015 беш аз 2 маротиба зиёд шудааст. Сатҳи афзоиши музди маоши миёна дар минтақа ба ҳисоби миёна 12,8% ро ташкил

намудааст. Аммо ҳиссаи назарраси ин нишондиҳандаи рушд натиҷаи таъсири беқурбшавӣ буда, музди воқеии маош дар минтақа бо назардошти беқурбшавӣ дар ин солҳо қариб ки бетағйир ба назар мерасад, зеро сатҳи афзоиш ночиз аст.

Норасоии кадрҳои баландихтисос, бахусус дар соҳаҳои маориф, тиб, сохтмон, меъморӣ, технологияи истеҳсолот ва ғайра сабаби номутаносибии иқтидори меҳнатии мавҷуда дар минтақа мебошад.

Дар робита ба сатҳи бекорӣ ва истифода нашудани иқтидори меҳнатӣ нуқтаи назари намояндагони мақомоти расмӣ ва коршиносони мустақил хеле мухталиф аст. Агар вазъи иқтидори меҳнатиро дар солҳои 1995-2010 мавриди таҳлил қарор диҳем, маълум мегардад, ки мувофиқи маълумоти оморӣ сатҳи бекорӣ дар ҷумҳурӣ дар доираи 2,2-2,7% қарор дорад. Аммо, тибқи таҳқиқоти таҳлилгарон ва коршиносони байналмилалӣ дар солҳои 1993-1997 сатҳи бекорӣ дар ҷумҳурӣ ба 40% ва дар деҳот то ба 60% расида буд.[13, с. 5]

Чӣ тавре ки дар боло зикр гардид, яке аз муаммоҳои идоракунии нерӯи меҳнатӣ самаранокии пасти истифодаи ин категорияи меҳнатӣ мебошад, ки таҳлили нишондиҳандаҳои омори расмӣ аз он шаҳодат медиҳад.

Дар масъалаҳои идоракунӣ ва ташаккули нерӯи меҳнатии минтақа сохти ташкилию ҳуқуқии он ҳамчун ниҳоди шуғл, рушд ва истифодаи нерӯи меҳнатӣ нақши калидӣ мебозад.

Дар амалкарди ҷараёни идоракунии нерӯи меҳнатии вилояти Суғд субъектҳои зерин фаъолият менамоянд:

1) Раёсати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар вилояти Суғд;
2) Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд;
3) Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ;
4) Хадамоти муҳоҷират;
5) Раёсати корҳои дохилӣ дар вилояти Суғд;
6) Раёсати маориф ва илм дар вилояти Суғд;
7) Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд;
8) Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони муаммоҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» ва ғайра.

Бояд қайд намуд, ки ташаккулёбии нерӯи меҳнатии минтақа ва идоракунии он дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегия ва барномаҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад. Ба қатори ҳуҷҷатҳои мазкур аз ҷумла дохил мешаванд:

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" аз 1-уми августи соли 2003. ш. Душанбе, №44.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", ш. Душанбе, аз 22 июли соли 2013, № 1004.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ", ш.Душанбе, аз 8 августи соли 2015, № 1225.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти иловагӣ", ш.Душанбе, аз 16 апрели соли 2012, № 826.

Ҳамзамон, ҳалли муаммоҳои идоракунии иқтидори меҳнатии минтақа дар асоси шартҳои зерин татбиқ мешавад:

– мутобиқи муаммоҳои давлатии идоракунии иқтидори меҳнатӣ;
– бо назардошти пешгӯии шумораи аҳолии шуғлнок дар иқтисодиёт, пешгӯии демографӣ;
– истифодаи таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки масъалаи идоракунии нерӯи меҳнатии минтақа унсури муҳим ва мураккаби динамикӣ дар низоми идоракунии иқтисодиёти минтақа ва дар маҷмуъ давлат маҳсуб меёбад. Ҷараёни идоракунии нерӯи меҳнатии вилояти Суғдро дар низоми умумии идоракунии иқтисодиёт чунин тасвир намудан мумкин аст (ниг. расми 1).

Ба андешаи мо, масъалаҳои ташаккул, истифода ва идоракунии нерӯи меҳнатӣ дар доираи сиёсати давлатии демографӣ ва маориф бояд тавассути андешидани чунин тадбирҳо амалӣ карда шавад:

- таҳия ва татбиқи тадбирҳое, ки ба танзими сатҳи таваллуд, фавт, муҳоҷират равона мегарданд;
- танзими миқдори қабул ва хатми муассисаҳои таълимӣ;
- инкишоф додани муаммоҳои такмили ихтисос ва ғайра.

Идоракунии нерӯи меҳнатии вилояти Суғд ҳалли вазифаҳои афзалиятноки зеринро пешбинӣ менамояд:

1) таъмини хусусияти инноватсионии таҳсилоти асосӣ;
2) таҷдиди муассисаҳои таълимӣ ҳамчун воситаи рушди иҷтимоӣ;
3) ташкили шаклҳои муосири таълими муттасил, омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои касбӣ;
4) дар якҷоягӣ бо истеъмолкунандагон ташаккул додани механизмҳои арзёбии сифат ва талабот ба хизматрасониҳои таълимӣ, иштирок дар таҳқиқоти муқоисавии байналмилалӣ.

***Расми 1.***

***Ҷараёни идоракунии нерӯи меҳнатӣ дар низоми умумии идоракунии иқтисодиёти минтақа***




Ба андешаи мо, яке аз самтҳои афзалиятноки раванди идоракунии нерӯи меҳнатии

минтақа, мутобиқ гардонидани мундариҷа ва сохтори омодасозии касбии кадрҳо ба талаботи муосири бозори меҳнат ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифати таълимӣ бояд ба ҳисоб равад. Вале таҷриба нишон медиҳад, ки дар вилояти Суғд дар раванди ташаккул ва идоракунии нерӯи меҳнатӣ диққати аввалиндараҷа танҳо ба идораи маориф, меҳнат ва рушди иҷтимоӣ зоҳир мегардад.

Ҳамин тавр, идоракунии нерӯи меҳнатӣ дар вилояти Суғд дар марҳилаҳои ташаккулёбӣ, тақсимот ва истифодабарӣ сурат гирифта, дар ҳар марҳила ҳалли муаммоҳои ба худ хосро тақозо мекунад. Ташаккулёбӣ, истифода ва идоракунии нерӯи меҳнатии минтақа аз як қатор омилҳо, аз ҷумла рушди демографӣ, иҷтимоию иқтисодии вилоят вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, танзими фаъоли давлатии он дар марҳилаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодӣ душвор мебошад. Танзими давлатии нерӯи меҳнатӣ бояд тавассути сиёсати таъмини шуғли пурсамар бо мақсади вусъати иқтисодиёт дар минтақа, низоми маориф ва илм, муътадил гардидани вазъи бозори меҳнат амалӣ карда шавад.

Сабабҳои ба миён омадани мушкилоти идоракунии нерӯи меҳнатӣ дар бозори меҳнати вилояти Суғд ва дар маҷмуъ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, зиёд будани пешниҳоди қувваи меҳнатӣ нисбат ба талаботи он, ба эҳтиёҷоти иқтисодиёт номувофиқ будани омодасозии кадрҳо, бесамар будани фаъолияти мақомоти шуғли аҳолӣ, заифии институтҳои идоракунии нерӯи меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ мебошанд. Бартараф намудани ин омилҳо андешидани чораҳои мушаххасро дар самти институтсионалӣ, ташкилӣ ва идоравии нерӯи меҳнатӣ тақозо менамояд. Дар ин самт бояд татбиқи барномаҳои мақсадноки давлатӣ идомаву ривоҷ ёфта, он бартараф намудани номутаносибиҳои бозори меҳнатро таъмин намояд, зеро аз ин падида рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат вобастагии калон дорад.

### ***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.*
2. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба машғули аҳолӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 01.08.2003 // Ахбори маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 467.*
3. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 14.04.2004 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистан, с. 2004, №5, ст. 345; 2005 год, №12, ст. 655; 2006 год, №12, ст.546, 2008 год, №6, ст. 465; 2009 год, №3, ст.81; № 5, ст. 336; №7-8, ст. 500; 2010 год, №7, ст. 566.*
4. *Исмоилов М.М. Моҳияти саноатикунонӣ ва рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа /М.М. Исмоилов, Ш.Л. Негматов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии омӯзгорон, муҳаққиқони ҷавон, бахшида ба эълон гардидани солҳои 2019-2020 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ", Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Хуҷанд, 30 апрели 2020). – Хуҷанд, 2020. – С. 14-18.*
5. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.04.2015 с., №238 «Дар бораи Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020». - захираи электронии mmk.tj (санаи муроҷиат: 29.05.2023).*
6. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.07.2011 с., № 277 «Дар бораи Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 аз 2 июни соли 2011» - захираи электронии mmk.tj (санаи муроҷиат: 14.09.2023).*
7. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014, №690 «Дар бораи тасдиқи Барномаи миллии рафъи шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар Ҷумҳурии*

*Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020». - захираи электронии mmk.tj (санаи муроҷиат: 14.09.2023).*
8. *Хадасевич, Н.Р. Концепция формирования трудового потенциала региона [Текст] / Н.Р. Хадасевич // УЭкС. – 2015. – №1 (73). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/kontseptsiya-formirovaniya-trudovogo-potentsiala-regiona (санаи муроҷиат: 21.05.2023).*
9. *Кязимов, К.Г. Формирование профессиональной компетентности в процессе управления человеческими ресурсами [Текст] / К.Г. Кязимов // Вестник Университета Российской академии образования. – 2015. – № 2. – С. 12-20.*
10. *Переходная экономика: теоретические аспекты, российские проблемы, мировой опыт: учебник / В.А. Мартынов, В.С. Автономов, И.М. Осадчая. – Москва: Экономика, 2004. – 719 с.*
11. *Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – Душанбе, 2022. – 508 с.*
12. *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – 329 с.*
13. *Kroeger A. and Meier K. Labor market and the Financial Crisis: evidence from Tajikistan - German Institute for Economic Research, Berlin. – 2011. – 36 p.*

**REFERENCES:**

1. *Constitution of Tajikistan Republic from the 6th of November of 1994year with amended and supplemented from September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016 (in Tajik and Russian languages). – Dushanbe: Ganj, 2016. – 136 pp.*
2. *The Law of Tajikistan Republic "On the Promotion of the Occupation of the Population". Applicable law. Date of admission: 01.08.2003 // The Message of Majlisi Oli of Tajikistan Republic, 2003, №8, art. 467*
3. *The Law of Tajikistan Republic «On Education».. Applicable law. Date of admission: 14.04.2004 // The Message of Majlisi Oli of Tajikistan Republic, 2004, №5, art. 345; 2005, №12, art. 655; 2006, №12, art.546, 2008, №6, art. 465; 2009, №3, art.81; № 5, art. 336; №7-8, art. 500; 2010, №7, art. 566*
4. *Ismoilov M.M. The Essence of Industrialization and Development of socio-economic relations of the region /M.M. Ismoilov, Sh.L. Negmatov //Materials of the scientific-practical conference of the teachers, young researchers dedicated to the declaration of 2019-2020 years " The Years of Rural Development, Tourism and Handicraft", Day of Tajik Science and the 30-anniversary of Independence of Tajikistan Republic (Khujand, April 30, 2020). – Khujand, 2020. – PP. 14-18.*
5. *The Decision of the Government of Tajikistan Republic from 27.04.2015 , №238 « On Government Strategy of the Development of Labour Market of Tajikistan Republic till 2020 year». – electronic resource mmk.tj (date of appeal 29.05.2023)*
6. *The Decision of the Government of Tajikistan Republic from 27.04.2015 , №238 « On Government Strategy of the Development of Labour Market of Tajikistan Republic till 2020 year –from June 2, 2011» - electronic resource mmk.tj (date of appeal 14.09.2023)*
7. *The Decision of the Government of Tajikistan Republic from October 31, 2014, №690 « On Confirmation of the Programme to Eliminate the Worst Forms of Child Labour in Tajikistan Republic for 2015-2020 years». – electronic resource mmk.tj (date of appeal 14.09.2023)*
8. *Hadasevich N.R. The Concept of Formation of Labour Potential of the Region [Text] / N.R. Hadasevich // MES. – 2015. – №1 (73). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/kontseptsiya-formirovaniya-trudovogo-potentsiala-regiona (dte of appeal: 21.05.2023).*

**9.** *Kyazimov K.G. Formation of Professional Competence in the Process of Management of Human Resources [Text] / K.G. Kazimov //Bulletin of Russian University of Education Academy. – 2015. – № 2. – PP. 12-20.*
**10.** *Transition Economy:theoretical aspects, Russian problems, world experience: manual / V.A. Martynov, V.S. Avtonomov, I.M. Osadchaya. – M.: Publishing House Economica, 2004. – 719 pp.*
**11.***Annual Statistics of Soghd Region. Head of the statistical agency under the President of Tajikistan Republic in Soghd Region. – Dushanbe, 2022. – 508pp.*
**12.** *The Areas of Tajikistan Republic. Statistical agency under the President of Tajikistan Republic. – Dushanbe, 2022.- 329pp.*
**13.***Kroeger A. and Meier K. Labor market and the Financial Crisis: evidence from Tajikistan - German Institute for Economic Research, Berlin. – 2011. – 36pp.*